**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович дар мавзӯи «Ватандӯстӣ ва хусусиятҳои хосси он дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ», барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 –ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонов С. М. ба масъалаи мубрами илми муосири сиёсат ва равандҳои сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Бо ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба саҳнаи байналхалқӣ ворид гардид. Яке аз ҳадафҳои асосии давлати мустақил ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъмини манфиатҳои миллӣ ва нигоҳ доштани устувории давлату миллат дар шароити ҷаҳонишавӣ мебошад. Яке аз роҳҳои асосии татбиқи ҳадафҳои мазкур ва таъмини манфиатҳои миллӣ тарғиби ватандӯстӣ ва таҳкими он дар шароити истиқлолияти давлатӣ мебошад. Тавре маълум, дар раванди осебпазирии давлатҳои миллӣ, густариши арзишҳои ғарбӣ, зуҳур ва тавсеаи хатарҳои иттилоотии ватандӯстӣ бо такя ба махсусияти қаҳрамониҳои таърихии миллат, ҷоннисоркуниҳои абармардони он дар роҳи ҳифзи Ватан ва таъсири зеҳниву равонӣ метавонад дар роҳи муттаҳид намудани ҷомеа ва талоши созандагӣ мусоидат намояд.

Бо назардошти ин гуфтаҳо, муҳиммияти таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонов С. М., ки ба таҳлили хусусиятҳои хосси

ватандӯстӣ дар раванди истиқлолияти давлатӣ бахшида шудааст, ягон ҷойи шакку шубҳа надорад.

Навгонии илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ яке аз кӯшишиҳои аввалини асосноккунии нақши ватандӯстӣ дар раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Инчунин дар натиҷаи таҳқиқот пешниҳодҳои мушаххас оид ба роҳҳои асосӣ ва механизмҳои ташаккули ватандӯстӣ дар раванди касби истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар пешрафти ҷомеа ироа гардидаанд.

Аҳамияти илмӣ-амалии натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба давтовардаи муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки онҳоро метавон барои таҳқиқи амиқи масоили ҳифзи истиқлолият, ташаккули арзишҳои сиёсӣ ва пешрафти ҷомеа истифода намуд.

Бо мундариҷаи кор ва муҳтавои автореферат, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ ва аҳамияти илмӣ-амалӣ шинос гардида, сатҳи баланди таҳлил, асоси методологӣ ва дурустии мақсад ва вазифаҳои гузошташударо эътироф менамоям.

Чунин меҳисобам, ки ҷанбаҳои дар автореферат инъикосшудаи диссертатсия таҳқиқоти мустақилона ба анҷомрасида дар самти ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ ба шумор меравад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ба талаботи пешниҳоднамудаи Комиссияи олии аттестатсионӣ дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати диссертатсияҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он

Қурбонов Субҳон Маҳмадраҳимович сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 –ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:** н.и.т., номзади илмҳои
таърих, директори Пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ,
дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода Ф.Т.

Имзои Бобозода Ф.Т. – ро тасдиқ менамоям.
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсус
___________